**КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ**
**НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ФАРМОИШ**

аз «24» ноябри соли 2022 № 283/ди ш. Душанбе

Дар бораи рад намудани
додани дараҷаи илмӣ

Мутобиқи банди 18 Низомномаи муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, №270),

**ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:**

1. Қарори шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-021 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба додани дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ ба Олимҷонов Мӯсо Обидович дар мавзуи «Хусусиятҳои сохториву маъноии калимаҳои мураккаб дар назми Бедил (дар мисоли калимаҳои мураккаби навъи татпуруша)» аз руйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ бинобар риоя нагардидани талаботи зербанди 2 банди 78 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 июни соли 2021, №267) бекор карда шавад.
2. Додани дипломи дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ ба Олимҷонов Мӯсо Обидович рад карда шавад.
3. Баррасии такрории диссертатсияи Олимҷонов Мӯсо Обидович барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ тибқи муқаррарот ба роҳ монда шавад.
4. Матни фармоиши мазкур дар муҳлати 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидан дар сомонаи Комиссия ҷойгир карда шавад.
5. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба уҳдаи муовини раиси Комиссия Иброҳимзода Д.Э. гузошта шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 ноябри соли 2022, №9.

Раис Розиқзода А.